«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор
__________ Гулназарзода Жило Бурӣ
«_26_» _____________ соли 2022

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна дар мавзӯи "Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии касбии педагогӣ" (дар асоси маводи омӯзиши забони англисӣ) аз рӯйи ихтисоси 13.00.08. - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ,таҳсилоти касбӣ), ки дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-47-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ (Такрорӣ)**

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқ.** Яке аз хусусиятҳои муҳимтарин инкишофи раванди таълим зери таъсири навгониҳои иҷтимоию фарҳангӣ, ки на танҳо бо зарурати иҷтимоии ташкили кори мақсаднок оид ба ташаккули тайёрии касбии кадрҳои педагогӣ ва баланд бардоштани сатҳи фарҳангии онҳо ба амал меояд, балки дар баробари донишу малакаи стандартии касбӣ, афзалият бо рақобатпазирӣ, дарки зуди мушкилот, ҳисси масъулият ва эҷодкорӣ, қобилияти мутобиқ шудан дар муҳити гуногунфарҳангӣ, рушди малакаҳои ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ, хоҳиши пайваста такмил додани касбу кори худ тақозо мекунад ва ҳамаи ин ба вазифаҳои аввалиндараҷаи педагог табдил меёбанд.

Дар ҳамин асно ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар раванди таҳсилоти олии касбӣ, хусусан, дар асоси омӯзиши забонҳо ба яке аз равандҳои мубрами таълим табдил меёбад. Ба ибораи дигар, низоми тайёр намудани кадрҳои самти педагогикаи муосир бояд бо дарназардошти доираи

пурраи сифатҳое амалӣ гардад, ки онҳо бо истилоҳи «салоҳияти касбии омӯзгори муосир» хос бошанд ва аз шароити воқеии замона бармеоянд, ки донишҷӯёну кадрҳои ояндаи баландихтисоси донандаи забони англисӣ аз ҳамин минвол ба ҳисоб меравaнд.

Бинобар ин, дар шароити дигаргуниҳои баамаломадаи иҷтимоиву иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати муайян намудани мазмуни равандҳои инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ, махсусан, таҳлили равандҳои инкишофи алоқаҳо, ки аз шароити ҳозираи иҷтимоию иқтисодӣ ба миён омадааст, онро афзалияти муҳим медиҳанд.

Ҷорӣ намудани муносибати салоҳиятнокро бо мақсади таъмини сифати таълимии донишҷӯёни бархурдор буда, аз қобилиятҳои коммуникативӣ-нутқӣ дар асоси маводи омӯзиши забони англисӣ ва тавассути ташаккули салоҳиятҳои ин қабил донишҷӯён талаб менамояд, ки хатмкунандаи оянда бо чунин қобилиятҳо мусаллаҳ гашта, мустақилона дар фаъолияти касбии худ дар оянда онро татбиқ намояд.

Мавзуе, ки ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст, дар шароити рушди ҷомеаи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон боз аз он ҷиҳат муҳим мебошад, ки мо ба марҳалаи комилан нави рушди илму техника ва муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва илмиву фарҳангӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ворид шуда истодаем. Ба фикри мо, аз ин диди назар зуҳури як таҳқиқоти илмӣ перомуни мавзуи марбут ба ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таълимоти касбӣ муҳим ва сариватӣ мебошад.

Диссертант дар раванди таҳқиқоти худ ба якчанд навгониҳои илмӣ муваффак гаштааст, ки нақши он дар самти назария ва методикаи таҳсилоти касбии илми педагогика назаррас мебошад.

Навгонии илмии диссертатсияи Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна аз он иборат мебошад, ӯ ки бори аввал масъалаи ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқиро дар асосӣ омӯзиши забони англисӣ муайян ва асоснок карда, модели консептуалии салоҳият, қобилият ва маҳорат,

услуби коммуникативию нутқии донишҷӯён ва мутахассисони соҳаи педагогикаи касбиро дар самти мазкур ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Тибқи таҳлилҳои муҳаққиқ, навгонии илмии таҳқиқот ва аҳамияти назариявии он иборат мебошад аз:

– сохтори омили маҳорату қобилияти коммуникативии нутқ муайян карда шуда, робитаи услубҳои коммуникативии нутқ бо намудҳои муносибатҳои байнишахсӣ ва хосиятҳои шахсӣ дар ташаккули донишҷӯён ва кадрҳои ояндаи педагогӣ муайян карда шудааст;

– аломатҳои психолингвистии маҳорату қобилиятҳо муайян карда шуда, минтақаҳои инкишофи потенсиалии онҳо дар асоси омӯзиши забони англисӣ муайян гардидааст;

– принсипҳои методологии парадигмаи дискурсивӣ оид ба ташаккули маҳоратҳои коммуникативӣ- нутқӣ дар донишҷӯён бо таъсири омилҳои умумии омӯзиши забони англисӣ равшан карда шудааст;

– андешаҳои илмӣ дар бораи таъсири нутқ ба рафтори коммуникативии шахс ва робита бо ташкили услубии шахсият такмил дода шудааст;

– тартиби таҳлили психолингвистии далелҳои ғайрирасмӣ ва таҳлили психолингвистии нутқи диалогии хонандагон бо ташаккули афкор оид ба ғояҳо дар беҳтар намудани муносибатҳои байнишахсии донишҷӯён бо назардошти услубҳои коммуникативӣ ва гуфтори онҳо минбаъд инкишоф ёфтанд.

Сохтори диссертатсияи мазкур дар асоси талаботи мавҷуда радабандӣ карда шудааст. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб ва шаш зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёти истифодашуда иборат буда, дар он аҳамияти проблема асоснок гардида, объект, предмет ва мақсади таҳқиқот муайян карда шудааст.

Навгонии илмӣ, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, ҳамзамон, дигар нуктаҳои муҳимми диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод шуданд, асоснок карда шудааст.

Бояд зикр кард, ки дар муқаддимаи диссертатсия ҳадаф ва вазифаҳои пажуҳиши диссертатсия ба таври мушаххас муайян шудааст. Муҳаққиқ ба василаи истифодаи босамари шеваҳои таҳқиқи муосир, аз қабили роҳҳо ва тарзу усулҳои таҳлилу таҳқиқи назариявию амалии муқоисавӣ, мушоҳидаҳои воқеӣ ва ғайра ба натиҷаҳои қолиби таваҷҷуҳи илмӣ роҳ ёфтааст.

Дар баробари ин, диссертант масъалаи назарияи муқаррароти фалсафӣ ва психологӣ-педагогӣ дар бораи қоидаҳои инкишофи коммуникативӣ-нутқии шахсият ва аҳамияти дурнамои мавзуи таҳқиқшавандаро дар бобҳо ва зербобҳои таҳқиқоти худ хеле амиқ ва равшан нишон додааст, ки он муҳимтарин арзиши назариявӣ ва амалии таҳқиқоти мазкур ба шумор меравад.

Дар боби аввали диссертатсия – **«Асосҳои назариявӣ ва методологии инкишофи қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён»** мавриди таҳлил қарор гирифтааст, ки он аз ду зербоб иборат мебошад.

Муҳаққиқ дар боби мазкур таҳлил ва коркарди консепсияҳои фалсафӣ-педагогӣ дар мадди аввал ва консепсияҳои психологӣ-педагогӣ дар давоми он ҳаллу фасл намудааст. Оид ба омӯхтану рушди малакаҳои инсони муосир, хусусан, ҷавонон аз назари муаллиф яке аз вазифаҳои муҳимми илмҳо мебошад, чунки дар ҳамин асно рушди ғояҳои педагогӣ дар ҷомеа таҳлил мешаванд ва вобаста ба таъсири шароитҳои иҷтимоӣ-таърихӣ ба вуҷуд омадаанд, ки ин раванд имрӯз низ идома меёбад.

Дар диссертатсияи мазкур, таъкид шудааст, ки яке аз омилҳои муҳимми ташаккулёбии шахсият ва салоҳияти касбии донишҷӯён дар ҷанбаҳои ғоявӣ, иҷтимоӣ, илмӣ ва амалӣ ин фазои таҳсилотии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мебошад. Тарбия, таълим ва ташаккулдиҳии

шахсияти донишҷӯ ҳамчун мутахассис муносибати комплексиро нисбати ҳаёти ояндаи ӯ талаб менамояд.

Инкишофи тафаккури донишҷӯ маънои роҳбарии мақсаднок ба раванди азхудкунии донишҳо, ёддиҳии роҳҳои иҷрои амалҳои фикрӣ ва усулҳои маърифати илмиро дорад, ки он тавъам ба нутқ ин барқарор намудани муошират̄и байниҳамдигарии алоқаманд ба одамон мебошад.

Муҳаққиқ муайян кардааст, ки қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён чун сифати шахсии психологӣ-педагогии онҳо дар раванди тарбия, таълим ва таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ташаккул меёбад, ва дар сифатҳои шахсиятии ӯ нақши муҳим мебозад. Мо қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯёнро ҳамчун сифати муҳим дар фаъолияти касбӣ меҳисобем, ки он маҳз дар раванди таълиму омӯзиши забони хориҷӣ ташаккул меёбад.

Муҳаққиқ ба он кӯшидааст, ки дар раванди омӯзиш ва таҳлили маводи илмӣ қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯёнро чун сифати маънавии инсонгароӣ ва фардии шахсият арзёбӣ намояд, ки он дар як вақт ба шаклгирии шуури ҷамъиятӣ ва ҷаҳонбинии илмии донишомӯзон таъсир мерасонад.

Илова бар ин, диссертант талош ба он кардааст, ки қобилиятнокии коммуникативӣ-нутқии донишҷӯёнро дар раванди таълимоти касбӣ ҳамчун ҳайси яке аз масъалаҳои муҳим дар самти омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла, англисӣ дар шароити ҷомеаи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор диҳад.

Муҳаққиқ дар асоси омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқ таъкид менамояд, ки тафаккур дар нутқ ва фаъолияти нутқронии донишҷӯён зуҳур гардида, ба ин раванд роҳбарии омӯзгор хеле муҳим аст. Ин амал имконият медиҳад, ки иҷрои вазифаи иҷтимоӣ-педагогӣ ҳангоми таълими фан амалӣ шавад. Барои мавқеи фаъоли иҷтимоӣ дар фаъолияти маърифатӣ, шаклгирии муносибати арзишманд ба таҳсилот, иттилоот, фаъолияти нутқронӣ ба донишҷӯ мусоидат менамояд.

Диссертант омилҳои психологии ташаккули таълимро ҳамчун яке аз шартҳои методологӣ ва назариявӣ асоснок кардааст. Хусусиятҳои психологии зуҳуроти соҳаи равонӣ барои донишҷӯён ҳамчун субъекти таъсири инкишофи қобилиятҳои коммуникативӣ-нутқӣ омӯхта мешаванд.

Муҳаққиқ мақсади асосии таълими забони англисиро дар навбати аввал ин аз ҷиҳати амалӣ азхудкунондани забон донистааст. Вақте ки донишҷӯ худро мутахассиси оянда ҳисобида кӯшиш менамояд, ки донишҳои заруриро бароиояндаи худ истифода барад, ӯ омодагии касбии педагогиро низ кӯшиш менамояд, ки аз худ намояду таҷрибаҳои пешқадамро таҳлилу тавсиф менамояд ва барои худ як заминаи назариявию методологӣ месозад, ки дар чорабиниҳои таълиму тарбиявӣ мубрамияти азхудкунии дониш, маҳорату малакаҳо дар раванди таълими самарабахшии касбии ба шахсият равона мешаванд ва меафзоянд.

Муҳаққиқ диққати асосиро ба ташкили раванди таълим дар асоси барномаҳои нави омӯзишӣ додааст, ки онҳо дар навбати аввал барои ташаккулдиҳии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён равона мешавад.

Дар боби дувуми диссертатсия – «**Ташаккули қобилияти коммуникативию нутқӣ дар омӯзиши забони англисӣ**» ба масъалаҳои кори озмоишӣ-таҷрибавӣ, бойгардонии мазмун ва шаклҳои корҳои таълимӣ-маърифатии иштирокчиёни раванди педагогӣ, такмилдиҳии технологияи педагогӣ бо мақсади ташаккулдиҳии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар давраи омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ инъикос мегардад. Аз натиҷагирӣ аз корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ хулоса бароварда шуда, тавсияҳои педагогӣ пешкаш карда шудаанд, ки онҳо ба баланд бардоштани самаранокии шакл, роҳу усулҳои ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён мусоидат менамоянд.

Диссертант дар таҳқиқоти хеш ба тарзи зайл хулоса оиди ба кори озмоишӣ-таҷрибавӣ, ки он иҷрои вазифаи муқарраркунанда дошт, пешниҳод менамояд:

1) ҳаллу фасли маводи методӣ ва назариявӣ барои ба таври графикӣ навиштани садонокҳо дар ҳиҷоҳои кушода ва пӯшида;

2) дар карточкаҳо феълҳоро бо забони тоҷикӣ ва ба забони англисӣ тарҷума кардан;

3) тартиб додани феълҳо дар замони оянда ва тарҷумаи онҳо бо забони англисӣ;

4) тартиб додани ҷумла аз калимаҳои пешниҳодшуда;

5) иваз намудани нутқи айнан нақлшуда ба нутқи ҷумлаҳои мазмунан нақлшуда.

Муҳаққиқ ба ҷустуҷӯй ва дарёфти роҳҳои самарабахши ташаккулдиҳии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар ду самт пайгирӣ мекунад: аввал, дар доираи заминаҳои барномавӣ-методии (стандартҳо, нақшаю барномаҳои таълимӣ, дастурҳои таълимӣ) амалкунанда аз нав дида баромадан, амиқ кардан ва тасҳеҳи мазмуни таълим: сониян, амалӣ гардондани мазмуни таълими забони англисӣ дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои грамматикии забони тоҷикӣ, дурнамои рушди методикаи таълими забонҳои хориҷӣ, тайёр намудани мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ.

Диссертант дар рафти корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ робитаи байниҳамдигарии мазмуни таълими забони англисӣ дар заминаи забони тоҷикӣ, такмилдиҳии мазмун ва методҳои таълим дар дарсҳои забони англисӣ дар асоси баҳисобгирии дастовардҳои методикаи таълим ва фанҳои бо ҳам наздик, инчунин, таҳлилу ҷамъбасти таҷрибаи омӯзгорони забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ оид ба банақшагирӣ, ташкил ва баргузории дарсҳо амалӣ гардиданд.

Таъсири мутақобилаи забони англисӣ ва модарӣ ба аз худ намудани дониш, маҳорату малака ва фаъолияти нутқии донишҷӯён таъсир мерасонанд.

Аҳамияти дигари назарявии таҳқиқоти мазкур боз дар он ифода меёбад, ки муҳаққиқ дар рафти таҳқиқоти мавзуъ ба чунин хулоса омадааст:

- маҷмӯи донишҳои фалсафӣ, психологию педагогӣ доир ба ташаккули қобилияти коммуникативию нутќии донишҷӯён - омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти олии касбӣ таҳлилу баррасӣ карда шуд, ки он назария ва амалияи илмиро оид ба падидаи қобилияти коммуникативию нутқӣ васеъ мегардонад;

- таъсири маҷмӯи имконоти муайяншуда ва самарабахшии раванди ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии омӯзгорони оянда дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ, ки ба рушди назария ва амалияи омодасозии мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ мусоидат мекунад, аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуд;

- технологияи педагогии ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии омӯзгори оянда, бо далелҳои боэътимоди илмӣ асоснок карда шуд, ки он минбаъд ба болоравии ташаккули падидаи мазкур мусоидат менамояд ва баланд бардоштани раванди омодасозии касбию педагогии мутахассисониояндаро таъмин месозад.

Асосҳои назариявӣ, хулосаҳо ва маводи илмию методиро дар амалияи мактабҳои олӣ ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ, хусусан забони русӣ ва англисӣ дар мақолаҳои илмӣ-методии забони тоҷикии муосир, маданияти забон ва услуби амалии он, асосҳои маданият ва техникаи нутқ ва гуфтор аз аҳамияте мебошанд, ки дар амалӣ намудани пешниҳодоти ташхису таҳлили мавзӯъ дар адабиёти илмии муосири тоҷик метавонанд ба кор оянд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои** кори таҳқиқотӣ бо нуктаҳои зерин таъмин карда мешавад: бо ҳам мувофиқат кардани таҳлили маводҳои назариявӣ ва натиҷагирӣ аз кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, ки мувофиқи масъалаи таҳқиқшаванда ба анҷом расонда шудааст; баррасии натиҷаҳое, ки бо истифода аз методҳои назариявӣ ва амалӣ ба даст оварда шудаанд ва дар заминаи онҳо хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои педагогӣ-психологӣ коркард ва баррасӣ гардиданд.

Дар бобати амалӣ кардани асосҳои назариявӣ дар татбиқи ғояи мавзӯи диссертатсионӣ, коркарду амалӣ намудани андешаи консептуалие, ки имкони дар асоси равишҳои фаъолона ва босалоҳият татбиқи масъалаи ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии омӯзгорониояндаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгориро дучанд зиёд мекунад, саҳми шахсии таҳқиқот басо

муҳим аст. Илова бар ин тафсир ва санҷиши натиҷаҳои бадастовардашуда омӯхта шуданд ва дар асоси таҳлилу баррасии мустақилонаи далелҳо аз тадқиқоти назарияву амалӣ, роҳу усулҳои самарабахши ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён коркард шудаанд.

Муҳаққиқ инчунин дар тартиб додани стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ оид ба забонҳои хориҷӣ барои мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар коркарди барномаҳои таълимӣ-методӣ оид ба силсилаи фанҳои лингвистӣ-дидактикӣ ва психологӣ-педагогӣ, ташкилу баргузории корҳои таҷрибавию озмоишӣ, мустақилона ба иҷро расонидани рисолаи илмӣ ва интишори мақолаҳои илмӣ фаъолона ширкат варзидааст.

Бояд зикр кард, ки омӯзиш ва таҳлили кори таҳқиқотии Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна аз он далолат медиҳад, ки диссертант масъалаҳои асосии таҳқиқотро дар се қисмати (зербоб)-и боби дуюм мавриди баррасӣ қарор додааст.

Ҳамин тариқ, таҳлили диссертатсия аз он гувоҳӣ медиҳад, ки мазмун ва мундариҷаи таҳқиқот дар асоси талаботи илмӣ, хулосаҳои ҳар як боб дар алоҳидагӣ ва умумии кор ба низоми муайян даровардa шуда, ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ гардонида шудааст.

Ҳамин тавр, бояд таъкид кард, ки маҷмӯи натиҷаҳое, ки дар раванди корҳои таҳқиқотӣ ба даст омадаанд, иҷрои яке масъалаи илмӣ-таҳқиқотии ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯёнро дар рафти омӯзиши забони англисӣ тасдиқ менамояд.

Мақолаҳо ва фишурдаҳои ба чоп расидаи муаллиф аз рӯи мавзуъ моро ба чунин хулоса водор месозад, ки мухтавои онҳо мазмуни таҳқиқотро ба пуррагӣ дар бар мегиранд. Натиҷаи таҳқиқот дар амал тасдиқи худро ёфта, дар шакли мақолаҳо ва фишурдаҳо дар маҷалаҳо ва маҷмӯаҳои илмӣ инъикоси худро ёфтаанд. Дар маҷмӯъ диссертатсия аз диди илмӣ, мантиқӣ, сохтор, низом, забон ба сатҳи талаботи Комиссияи олии атесттатсионии назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон ҷавобгӯ ва ба муқаррароти назариявии таҳқиқот мувофиқат менамояд.

Ба андешаи мо, арзиш ва қимати баланди илмии таҳқиқот дар расм инъикос гардидааст, амали баъзе камбудиҳо ва ноқисиҳоро ислоҳ кардан аз

манфиат холӣ нест. Бинобар ин, мебояд, ки таваҷҷуҳи муҳаққикро ба ин паҳлуи масъала низ ҷалб намоем.

1. Агар муҳаққиқ дар таҳқиқоти хеш ба истифодаи шаклҳо, роҳҳо, тарзу усул ва воситаҳои ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таълимоти касбӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекард, арзиш ва аҳамияти кор аз ин ҳам бештар меафзуд.

2. Дар рисола, муҳаққиқ ба масъалаи роҳу равиш ва тарзу усули дар амал татбиқ намудани масъала камтар такя кардааст.

3. Рӯйхати адабиёти истифодашуда ба таҳриру таҷдиди назар ниёз дошта, шумораи (196) он каме зиёдтар мебошад.

4. Дар матни диссертатсия, дар баъзе ҳолатҳо ғалатҳои грамматикӣ ва техникӣ низ ба назар мерасанд.

Дар охир, месазад таъкид намоем, ки нуқсон ва норасоиҳое, ки дар боло ишора карда шуданд, дар маҷмӯъ ба арзиш ва қимати диссертатсия ягон хел таъсири манфӣ намерасонанд.

Хулоса, вобаста ба мубрамият навгонии илмӣ, арзишмандии таҳқиқоти иҷрогардида ва аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои ба дастомада диссертатсияи довталаб Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна дар мавзуи «Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии касбии педагогӣ (дар асоси маводи омӯзиши забони англисӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08. – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) кори илмӣ-таҳқиқотӣ мустақилона иҷрошуда ва ба анҷом расида мебошад. Он ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯй буда, ва муаллифи он Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мебошад.

Тақриз ба диссертатсияи Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна дар мавзуи «Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии касбии педагогӣ» (дар асоси маводи омӯзиши

забони англисӣ) аз ҷониби кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода тартиб дода шуда, дар ҷаласаи кафедра 18 октябри соли 2022, таҳти қарори №3/1 муҳокима гардидааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 11 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 11 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф» - нест.

Суратҷаласаи № 3/1 аз 18.10.2022.

**Раиси ҷаласа:**
Мудири кафедраи педагогика
ва психология,
номзади илми педагогика — Ошимова М.М.

**Ташхисгарон:**
номзади илми педагогӣ, дотсенти
кафедраи педагогика
ва психология — Раҷабова Ф.О.

номзади илми педагогӣ, дотсенти
кафедраи педагогика
ва психология — Шарипов М.Ғ.

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илми педагогӣ,
муаллими калони
кафедраи педагогика
ва психология — Ҷонмаҳмадова Г.Ш.

Имзоҳои н.и.п., М.М., Ошимова Ф.О., Раҷабова М.Ғ., Шарипов муаллими калон Г.Ш. Ҷонмаҳмадоваро тасдиқ мекунам:

Мудири шуъбаи кадрҳои
ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода
«_26_» _октябри_ соли 2022 — Наҷмуддинов Ш.М.

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
735140. Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17\6.
Тел.: 2 32 50 00; 2 32 87 30; 2 32 50 03;
Сайт: www.ddzt.tj E-mail: info@ddzt.tj